«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон, д.и.и., профессор Иброҳимзода И.Р.
_______________
«_16_» __________ соли 2026

# ТАҚРИЗИ

**муассисаи пешбар ба диссертатсияи Икромӣ Фазлиддин Нуриддин дар мавзуи «Такмили механизми танзими макропруденсиалии суботи молиявии низоми бонкӣ: назария, методология, амалия», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод шудааст**

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илм, ки аз рӯйи он диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.**

Диссертатсияи Икромӣ Фазлиддин Нуриддин ба талаботи бандҳои зерини Шиносномаи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз: 10.1. Ташаккули низоми бонкӣ ва инфрасохтори он дар шароити иқтисоди бозорӣ, 10.2. Проблемаҳои таъмини заминаҳои ниҳодии рушди бахши бонкӣ ва иртиботи мутақобилаи он бо Бонки миллии Тоҷикистон, 10.3. Проблемаҳои таъмини ҳамоҳангии макросиёсат ва микроравиши пулию қарзӣ ва бонкӣ нисбат ба рушди низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 10.4. Мушкилоти таъмини сиёсати мутавозини бонкӣ дар соҳаи сармоягузорӣ, қарздиҳӣ ва ташаккули дороиҳои ғайрифаъоли бонкӣ дар ҳамаи бахшҳои сарчашмаҳо ва захираҳо, 10.5. Устувории низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва стратегияи рушди он, 10.7. Баланд бардоштани самаранокии фаъолияти бонкҳо бо иштироки давлат, бонкҳо бо иштироки хориҷиён, инчунин бонкҳои минтақавӣ, 10.12. Такмили низоми идоракунии хавфҳои бонкҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, 10.16. Системаи мониторинг ваояндабинии хавфҳои бонкӣ, 10.18. Проблемаҳои мувофиқсозии ташаккул ва инкишофи низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқат менамояд.

**Муҳиммияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ.**

Дар шароити муосир яке аз масъалаҳои мубрам ва калидии рушди устувори низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон такмили механизми танзими макропруденсиалии суботи молиявӣ ба шумор меравад. Тақвияти танзими макропруденсиалӣ ба таъмини устувории фаъолияти бонкҳо, пешгирии хавфҳои системавӣ ва коҳиш додани таъсири омилҳои беруна ба низоми молиявии кишвар нигаронида шудааст. Дар ин замина, зарурати такмили асосҳои назариявӣ ва методологии танзими макропруденсиалӣ, инчунин мутобиқ намудани воситаҳо ва механизмҳои он ба хусусиятҳои иқтисоди миллӣ аҳаммияти хоса касб менамояд. Махсусан, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

татбиқи самараноки сиёсати макропруденсиалӣ, истифодаи нишондиҳандаҳои муосири арзёбии хавфҳои молиявӣ ва ҷорӣ намудани равишҳои пешгирикунандаи танзим метавонад ба таҳкими суботи молиявӣ ва баланд бардоштани эътимод ба низоми бонкӣ мусоидат намояд. Дар робита ба гуфтаҳои боло, қайд намудан ба маврид аст, ки дар мубраммии мавзуи диссертатсияи Икромӣ Ф.Н. ягон шубҳа вуҷуд надошта, натиҷаҳои он метавонанд дорои аҳаммияти назарраси илмӣ, методологӣ ва амалӣ дар рушди низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон бошанд.

**Натиҷаҳои мушаххаси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ** пеш аз ҳама аз навгониҳои илмӣ бармеоянд. Навгонии илмии тадқиқот дар таҳия ва такмили асосҳои сиёсати макропруденсиалӣ дар низоми бонкӣ бо мақсади таъмини суботи молиявӣ мебошад. Дар доираи тадқиқот механизмҳои нави илмӣ барои ташаккули низоми муассири воситаҳои макропруденсиалӣ пешниҳод гардида, бо назардошти зарурати таъмини суботи молиявии дарозмуддат дар низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2040 модели рушди макропруденсиалӣ таҳия ва пешниҳод карда шуд. Натиҷаҳои назарраси тадқиқоти диссертатсионӣ, ки навгонии илмӣ ва муҳтавои онро инъикос мекунанд, аз инҳо иборатанд:

1. Ақидаҳо ва назарияҳои илмии марбут ба механизмҳои танзими макропруденсиалӣ дар заминаи таъмини суботи молиявии низоми бонкӣ мавриди омӯзиш ва тадқиқ қарор гирифта, моҳияти иқтисодии ин мафҳум тавассути назарияҳои илмӣ, ба монанди якум, танзими макропруденсиалӣ ҳамчун маҷмуи тадбирҳое, ки ҳадафашон коҳиш додани хавфҳои умумисистемавӣ дар низоми молиявӣ мебошад; дуюм, суботи молиявӣ ҳамчун омили зарурӣ барои фаъолияти муътадили низоми бонкӣ арзёбӣ мегардад, шарҳ дода шудааст. Дар натиҷаи таҳлили равишҳои гуногун чунин таърифи муаллифӣ пешниҳод гардидааст: «Сиёсати макропруденсиалӣ ба таъмини суботи молиявӣ равона шуда, ҳолатеро дар назар дорад, ки тамоми бахшҳои муҳимми низоми молиявӣ (аз бозорҳо ва ташкилотҳо то сохторҳои он) бо ҳамоҳангӣ ва устуворӣ фаъолият намуда, қобилияти муқобилият бо шокҳои беруна ва хавфҳои системавиро доранд».

2. Механизмҳо, воситаҳо ва нақши сиёсати макропруденсиалӣ дар таъмини суботи молиявӣ ва рушди устувори иқтисоди миллӣ илман асоснок гардида, сохтори сиёсати мазкур ва таъсири он ба низоми молиявӣ, бонкӣ ва макроиқтисодӣ бо назардошти хавфҳои системавӣ мавриди арзёбӣ қарор дода шуд. Инчунин, ҳангоми тадқиқи хавфи системавӣ дар доираи механизми танзими макропруденсиалӣ, ки ба таъмини суботи молиявии бонкҳо равона аст, пешниҳод шуд, ки дигар намудҳои хавфҳо, аз қабили хавфҳои қарзӣ, амалиётӣ, бозоргирӣ (ликвиднокӣ), бозорӣ ва ғайраҳоро бояд дар низоми фаъолияти бонкӣ ба инобат гирифта шаванд.

3. Фаъолияти институтҳои макропруденсиалӣ мавриди тадқиқ қарор дода шуда, нақш ва мавқеи Бонки миллии Тоҷикистон дар нигоҳдори суботи молиявии низоми бонкӣ муайян гардид. Ҳамзамон, мушаххас карда шуд, ки бо вуҷуди пешрафтҳои назаррас дар соҳаи танзими макропруденсиалии низоми бонкӣ ҳамоно як қатор масъалаҳои ҳалталаб боқӣ мондаанд. Ин мушкилот

метавонанд дар ҳолати тағйир ёфтани шароити иқтисодиву молиявӣ ба монеаи ҷиддӣ дар суботи низоми бонкӣ табдил ёбанд. Яке аз чунин масъалаҳои асосӣ ба нишондиҳандаҳои методологии истифодашавандаи ниҳоди танзимкунандаи макропруденсиалӣ вобаста мебошад, ки дар ҳолати феълӣ асосан ба талаботи стандартҳои Базели I ва Базели II такя доранд. Илова бар ин, дар раванди тадқиқ механизмҳои гузариш ба стандартҳои Базели III барои низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор гирифта ва роҳандозӣ шудаанд.

4. Бо назардошти омӯзиши таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ дар самти танзими институтсионалии макропруденсиалии суботи молиявӣ дар низоми бонкӣ як қатор механизмҳои самаранок фаъолияти онҳо ҷиҳати татбиқ дар низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудаанд. Пешниҳодҳои мазкур метавонанд ба такмили фаъолияти ниҳодҳои танзимкунандаи макропруденсиалии суботи молиявӣ дар низоми бонкии кишвар натиҷаҳои мусбатро ба бор оваранд.

5. Ҳолати молиявии низоми бонкӣ бо назардошти ташкилотҳои қарзии низомсоз ва эҳтимолӣ мавриди таҳлилу арзёбӣ қарор дода шуда, сатҳи чандирӣ ва таҳаввулпазирии нишондиҳандаҳои молиявии онҳо муайян карда шуд. Маҳз дар натиҷаи арзёбии меъёрҳои ҷамъбастии ташкилотҳои қарзии низомсоз (КВД БА ҶТ «Амонатбонк», ҶСК «Бонки Эсхата» ва ҶСК «Ориёнбонк») ва эҳтимолӣ (ҶСП «Бонки байналмилалии Тоҷикистон» ва ҶСП ТАҚХ «Имон Интернешнл») муайян гардид, ки бозори ташкилотҳои қарзии Тоҷикистон як муҳити динамикӣ ва тағйирёбанда дошта, дар он таъсири омилҳои гуногун (аз сиёсати дохилӣ то вазъи иқтисодии кишвар) эҳсос карда мешавад.

6. Бо такя ба сохтори гурӯҳбандии таҳияшуда таъсири бухронҳо ва таҳримҳои иқтисодӣ ба суботи молиявии низоми бонкӣ арзёбӣ шуда, тағйиротҳои назарраси он муайян карда шудаанд. Ҳамзамон, ҷиҳатҳои мусбат ва манфии бухронҳо ва таҳримҳои иқтисодӣ таҳлил гардида, чунин хулоса пешниҳод гардид, ки гуногуншаклсозӣ (диверсификатсия)-и муносибатҳои иқтисодии Тоҷикистон бо кишварҳои мухталифи ҷаҳон метавонад яке аз омилҳои калидии коҳиш додани таъсири манфии бухронҳо ва таҳримҳои иқтисодии байналмилалӣ бошад, зеро вобастагии баланд аз иқтисодиёти як кишвар метавонад дар шароити пайдоиши хавфҳои беруна боиси афзоиши осебпазирии низоми молиявии миллӣ гардад.

7. Механизми гузаронидани фишорсанҷишҳо барои низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва пешниҳод гардид, ки тавассути онҳо шокҳо дар фаъолияти умумии ташкилотҳои қарзии молиявӣ, аз ҷумла бонкҳои низомсоз, ташкилотҳои қарзии эҳтимолӣ ва ташкилотҳои амонатии қарзии хурд арзёбӣ ва муайян гардида, чораҳои дарозмуддати бартарафсозии онҳо пешниҳод шудааст.

8. Сохтори нави ниҳодҳои танзимкунандаи макропруденсиалӣ бо мақсади баланд бардоштани самаранокии фаъолияташон ва таъмини суботи молиявии низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва пешниҳод гардид. Дар доираи ин ислоҳот татбиқи буфери сармоявӣ барои ташкилотҳои қарзии муқаррарӣ ва низомсоз пешбинӣ шудааст. Тибқи меъёрҳои нав сармояи

базавии сатҳи якум бояд 4,5%, сармояи сатҳи якум 6% ва сармояи умумӣ 8%-ро ташкил диҳад. Бо иловаи буфери захиравии 2,5%, ин меъёр то 10,5% мерасад ва дар сурати татбиқи буфери контрсиклӣ метавонад то 13% нисбат ба дороиҳои бо назардошти хавф баркашидашуда афзоиш ёбад. Барои ташкилотҳои низомсоз бо назардошти буфери иловагии то 2% меъёри умумии сармоя метавонад то 15% нисбат ба дороиҳои бо назардошти хавф баркашидашуда баробар гардад. Ҳамзамон, бо назардошти зарурати таъмини суботи молиявии дарозмуддат, барои низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2040 модели рушди макропруденсиалӣ таҳия ва пешниҳод карда шудааст.

**Саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳамияти он.**

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар омӯхтани ва таҳлили масъалаҳои танзими макропруденсиалии суботи молиявӣ, таҳияи ва такмили равишҳои назариявӣ, методологӣ ва амалӣ дар бунёд ва такмилдиҳии механизми танзими макропруденсиалӣ дар низоми бонкӣ равшан ифода меёбад. Бар асоси таҳлили муфассал ва коркарди маълумот, самтҳои асосии такмили механизми макропруденсиалӣ муайян шуда, тавсияҳои мушаххас оид ба такмили методология ва амалияи он таҳия гардидаанд.

Инчунин, иштироки бевоситаи довталаб дар тадқиқотҳои илмӣ дар бонкҳо ва муассисаҳои молиявӣ, интишори мақолаҳои илмӣ оид ба мавзуи диссертатсия, маърузаҳо дар конференсияҳои илмию назариявӣ ва илмию амалӣ низ ба назар мерасанд, ки саҳми илмии ӯро дар рушди механизми танзими макропруденсиалӣ равшан инъикос менамоянд.

**Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ (бо нишон додани навгонӣ, аҳамияти илмӣ ва амалии онҳо), ки барои он ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда мумкин аст.**

Диссертатсияи тақризшаванда аз муқаддима, панҷ боб, 14 зербоб, хулосаву тавсияҳои илмӣ ва рӯйхати адабиёт иборат мебошад. Кор дар 473 саҳифа, 61 ҷадвал, 33 расм ва 30 диаграмма оварда шудааст. Рӯйхати адабиёти истифодагардида 364 номгӯйро дар бар мегирад. Дар муқаддима мубрам будани мавзуи диссертатсия ва сатҳи омӯзиши он асоснок гардида, мақсад, вазифаҳо, объект, предмет ва фарзияҳои таҳқиқот муайян шудаанд. Ҳамчунин, муқаррарот дорои навгониҳои илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ дар диссертатсия инъикос гардида, маълумот оид ба натиҷаҳои таҳқиқот пешнишод карда шудаанд (саҳ. 5-18).

Дар боби якуми диссертатсия **«Асосҳои методологии танзими макропруденсиалии суботи молиявӣ дар низоми бонкӣ» (саҳ. 19-96)** довталаби дараҷаи илмӣ масъалаҳои назариявии диссертатсияро баррасӣ намуда, ҷанбаҳои методологии тадқиқи танзими макропруденсиалии суботи молиявӣ дар низоми бонкро таҳқиқ кардааст. Механизми танзими суботи молиявии макропруденсиалӣ дар низоми бонкӣ мавриди таҳлил қарор гирифта, нақши сиёсати макропруденсиалии суботи молиявӣ дар таъмини рушди устувори иқтисоди миллиро низ баррасӣ кардааст.

Дар зербоби аввал муалиф дар асоси омӯзиши методологияи тадқиқи танзими макропруденсиалии суботи молиявӣ дар низоми бонкиро таҳлил

намуда, моҳияти иқтисодии «танзими макропруденсиалӣ», «суботи молиявӣ», хусусиятҳо ва самтҳои асосии онро дар рушди устувори низоми молиявӣ муайян кардааст (саҳ. 21-28). Ҳамзамон, гурӯҳбандии нуқтаи назари олимони соҳа оид ба суботи молиявӣ баррасӣ шуда, фарқиятҳо ва ҳамоҳангӣ миёни таҳлилҳои назариявӣ нишон дода шудааст (саҳ. 29-34). Дар ин замина методологияи мавқеъгирии танзими сиёсати макропруденсиалии суботи молиявӣ дар низоми бонкӣ таҳлил гардида, механизмҳои татбиқи он ва таъсири онҳо ба суботи молиявӣ ва рушди устувори низоми бонкӣ ба таври муфассал омӯзиш ёфтааст (саҳ. 42-43).

Аз баррасии зербоби дуюми ин боб бармеояд, ки муаллиф механизми танзими суботи молиявии макропруденсиалиро дар низоми бонкӣ дуруст арзёбӣ намуда, усулҳои амалӣ намудани онро муайян кардааст (саҳ. 53). Ӯ ҳамчунин механизми истифодаи фишангҳои сиёсати макропруденсиалӣ дар низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистонро таҳлил намуда, давраҳои қабули қарор ва принсипҳои татбиқи онро дар фаъолияти танзими макропруденсиалии низоми бонкӣ возеҳу равшан нишон додааст (саҳ. 54-65). Ин таҳлил имконият медиҳад, ки саҳми муҳим ва таъсири танзими макропруденсиалӣ дар рушди низоми молиявӣ ва бонкӣ комилан фаҳмида шавад.

Дар зербоби охирини боби аввали диссертатсия таҳқиқи нақши сиёсати макропруденсиалии суботи молиявии низоми бонкӣ дар таъмини рушди устувори иқтисоди миллӣ мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Муаллиф қайд мекунад, ки ҳадафи асосии сиёсати макропруденсиалӣ на танҳо таъмини устувории молиявӣ-иқтисодӣ, балки ҳифзи манфиатҳои умумии ҷомеа мебошад. Зеро ноустувории молиявӣ метавонад боиси сар задани буҳронҳои иқтисодӣ гардад, ки оқибатҳои иҷтимоиву иқтисодии васеъ доранд. Аз ин лиҳоз, сиёсати макропруденсиалӣ ҳамчун воситаи таъминкунандаи амнияти молиявии умумӣ баромад мекунад (саҳ. 66). Ҳамзамон, мо ақидаи муаллифро дар бораи он ки сиёсати макропруденсиалӣ ҳамчун яке аз воситаҳои муҳимми танзими равандҳои макроиқтисодӣ нақши асосиро дар таъмини суботи молиявӣ мебозад. Инчунин, бо истифодаи фишангҳои сиёсати монетарӣ ва фискалӣ ин сиёсат талош мекунад, ки муҳити молиявиро устувор гардонад ва хатари буҳронҳои молиявиро коҳиш медиҳад, пурра дастгирӣ мекунем (саҳ. 67-93).

Дар боби дуюми диссертатсия, ки **«Асосҳои институтсионалии танзими макропруденсиалӣ дар нигоҳдории суботи молиявии низоми бонкӣ» (саҳ. 97-177)** номгузорӣ шудааст, институтҳои танзими макропруденсиалии суботи молиявӣ дар низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мавқеи институтсионалии Бонки миллии Тоҷикистон дар арзёбии вазъи молиявии низоми бонкӣ мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор гирифтаанд. Ҳамчунин, таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ дар самти танзими институтсионалии макропруденсиалӣ ва татбиқи баъзе аз механизмҳои он дар низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди омӯзиш қарор гирифтааст.

Дар асоси омӯзиши миқдори зиёди адабиёти иқтисодӣ дар зербоби аввали боби дуюм, институтҳои танзими макропруденсиалии суботи молиявӣ

дар низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди арзёбӣ қарор гирифтаанд. Аз натиҷаҳои тадқиқоти анҷомёфта бармеояд, ки нақши институтҳои макропруденсиалӣ дар таъмини суботи молиявии низоми бонкӣ ниҳоят муҳим ва ҳалкунанда мебошад. Ин институтҳо бо роҳандозии сиёсатҳо ва тадбирҳои зарурӣ барои пешгирӣ аз хатарҳои системавӣ ва нигоҳдории устувории молиявӣ саҳми назаррас мегузоранд. Муаллиф қайд мекунад, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон институтҳое, ки масъулияти таъмин намудани суботи молиявии низоми бонкӣ ба дӯши онҳо гузошта шудааст, ба ду гурӯҳи асосӣ тақсим мешаванд. Гурӯҳи аввалро институтҳои дохилии Бонки миллии Тоҷикистон ташкил медиҳанд, ки ба он Кумитаи суботи молиявӣ ва Кумитаи сиёсати пулию қарзӣ шомил мебошанд. Гурӯҳи дуюмро институти дастаҷамъонаи сатҳи ҳукуматӣ ташкил медиҳад, ки онро Шурои миллии суботи молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон намояндагӣ мекунад (саҳ. 115). Албатта, мо бо нуқтаи назари муаллиф дар ин бора пурра розӣ ҳастем.

Ҷойи муносиб дар зербоби дуюми ин бобро баррасии мавқеи институтсионалии Бонки миллии Тоҷикистон дар арзёбии вазъи молиявии низоми бонкӣ ишғол мекунад. Методологияи тарзи ҳисобкунии меъёрҳои мақбул дар низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон (саҳ. 119-120) ва нишондиҳандаҳои арзёбишудаи вазъи устувории молиявии низоми бонкӣ дар солҳои 2005–2024 (саҳ. 127-143) дар сатҳи зарурӣ баҳогузорӣ шудаанд.

Дар зербоби охири боби дуюм таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ дар самти танзими институтсионалии макропруденсиалии суботи молиявӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифта, татбиқи баъзе аз механизмҳои таҷрибаи мазкур дар низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудааст (саҳ. 143-177). Инчунин, муаллиф дар ҷараёни тадқиқоти гузаронидашуда як қатор камбудиҳо ва мушкилотеро муайян кардааст, ки бартараф намудани онҳо метавонад ба такмили сиёсатҳои макропруденсиалӣ дар кишвар таъсири мусбат расонанд.

Муаллиф дар боби сеюми диссертатсия, ки **«Таҳлили вазъи молиявӣ ва баҳогузории таъсири омилҳо ба раванди танзими макропруденсиалии суботи молиявии низоми бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (саҳ. 178-248)** унвон гирифтааст, вазъи молиявии низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо назардошти таъсири омилҳо баррасӣ кардааст. Дар он вазъи молиявии ташкилотҳои қарзии низомсоз ва эҳтимолӣ таҳлил гардида, натиҷаҳои таъсири бӯҳронҳо ва таҳримҳои иқтисодӣ ба суботи молиявии низоми бонкӣ муайян ва баҳогузорӣ шудаанд.

Ҳамзамон, унвонҷӯ дар доираи зербоби аввали ин боб вазъи молиявии низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистонро таҳлил намуда, нишондиҳандаҳои вазъи устувории молиявии ташкилотҳои қарзии молиявиро бо назардошти сохтори ҷузъии онҳо баррасӣ кардааст (саҳ. 182-185). Дар таҳлили вазъ таъсири омилҳои дохилӣ ва берунӣ, аз ҷумла сифати сандуқи қарзии ташкилотҳои қарзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба таври муфассал мавриди омӯзиш қарор гирифтааст (саҳ. 188). Ҳамин тавр, муаллиф дар ин зербоб оид ба равандҳои калидии таҳкими омори низоми бонкӣ ва тамоюли каму зиёдшавии онҳоро таҳлил намудааст.

Дар зербоби дуюми боби сеюм вазъи молиявии ташкилотҳои қарзии низомсоз ва эҳтимолии кишвар оварда шудааст (саҳ. 197-216). Муаллиф фаъолияти бонкҳои низомсоз ва ташкилотҳои қарзии эҳтимолиро таҳлил карда, нақши онҳоро дар таъмини суботи молиявӣ ва идоракунии хатарҳои системавии низоми бонкӣ арзёбӣ кардааст. Дар ин қисмат унвонҷӯ қайд мекунад, ки «...ҳар як ташкилоти қарзии низомсоз ва эҳтимолӣ дар давраи таҳлили фаъолияти худ усули хоси идоракунии хавфҳоро ба роҳ мондааст. Бархе аз онҳо диққати асосиро ба баланд бардоштани самаранокии истифодаи дороиҳо ва сармоя равона сохтаанд, дар ҳоле ки гурӯҳи дигар афзалиятро ба таъмини пардохтпазирӣ ва идоракунии оқилонаи хавфҳо додаанд. Тафовут дар натиҷаҳои ниҳоии молиявӣ, пеш аз ҳама натиҷаи тағйирёбии стратегияҳои рушди ташкилотҳои қарзии низомсоз ва эҳтимолӣ, шароити фаъолияти бозорӣ ва низоми идоракунии дохилии онҳо мебошад». Мо пурра бо андешаи муаллиф розӣ ҳастем, зеро барои расидан ба чунин натиҷа ӯ нишондиҳандаҳои молиявии бонкҳои калидиро дар саҳифаҳои 200-2015-и диссертатсия ба таври ҳамаҷониба таҳлил кардааст.

Муаллифи рисола дар зербоби сеюми боби сеюм таъсири буҳронҳои молиявӣ ва таҳримҳои иқтисодиро ба суботи низоми бонкии кишвар таҳлил мекунад (саҳ. 216-248). Муҳақиқ таъсири ин омилҳоро ба нишондиҳандаҳои молиявӣ, қобилияти барқароршавӣ ва устувории низоми бонкӣ арзёбӣ намудааст (саҳ. 232-243). Ҳамчунин нақши институтҳои танзимкунанда ва механизмҳои ҳифзи субот барои нигоҳ доштани устувории низом ва пешгирӣ аз хавфҳои системавӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст.

Боби чоруми диссертатсия таҳти унвони **«Масоили гузаронидани фишорсанҷишҳо (стресс-тестҳо) дар низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (саҳ. 249-281)** номгузорӣ шуда, дар он механизми гузаронидани стресс-тестҳо дар низоми фаъолияти ташкилотҳои қарзии молиявӣ, таҳлили вазъи стрессҳо дар фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ ва ташкилотҳои амонатии қарзии хурд (ТАҚХ)-и Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ шудаанд.

Дар диссертатсия баъд аз тарҳрезии сохтори усулҳо ва намудҳои стресс-тест (саҳ. 251) муаллиф қайд мекунад, ки дар шароити имрӯза чунин тестҳо дар бисёре аз ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ, бонкҳои марказии кишварҳои гуногун ва худи бонкҳо мавриди истифода қарор гирифта, барои муайян кардани осебпазирӣ ва сатҳи таваккалпазирии низомҳои молиявӣ хизмат мекунанд.

Аз тарафи дигар дар диссертатсия оварда шудааст, ки бо назардошти зиёд будани шумораи ташкилотҳои қарзӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронидани стресс-тест барои ҳамаи онҳо дар алоҳидагӣ ғайриимкон аст. Аз ин рӯ, барои тадқиқот ба таври интихобӣ 8 бонк ва 3 ташкилоти амонатии қарзии хурд (ТАҚХ) интихоб карда мешаванд. Бонкҳои зикршуда иборатанд аз: ҶСП Бонки «Арванд», КВД БА ҶТ «Амонатбонк», ҶСК «Бонки Эсхата», ҶСП «Бонки байналмилалии Тоҷикистон», ҶСК «Алиф Бонк», ҶСП «Спитамен Бонк», ҶСК «Коммерсбонки Тоҷикистон» ва ҶСП «Ҳумо Бонк». Ҳамзамон, се ТАҚХ – ҶДММ ТАҚХ «ФИНКА», ҶСП ТАҚХ «Имон

Интернешнл» ва ЧДММ ТАҚХ «МАТИН» низ ба ҳайси объекти омӯзиш дар рисолаи муаллиф интихоб шудаанд (саҳ. 254-255).

Дар зербоби охирин муаллиф ёдовар мешавад, ки натиҷаҳои таҳлил ва арзёбиҳо оид ба гузаронидани фишорсанҷишҳо (стресс-тестҳо) нишон медиҳанд, ки шокҳои макроиқтисодӣ ба нишондиҳандаҳои молиявии ташкилотҳои амонатии қарзии хурд (ТАҚХ) таъсири манфӣ мерасонанд. Дар сенарияи шоки сабук сатҳи пардохтпазирӣ метавонад устувор боқӣ монад ё то андозае боло равад, аммо дар ҳолати шоки шадид коҳишёбии нишондиҳандаҳо ба таври назаррас мушоҳида мегардад (саҳ. 279). Албатта, хулосаҳои мазкур дар асоси таҳлили моделҳои математикӣ ба даст омадаанд, ки ҳамаи онҳо дуруст будани натиҷаҳои арзёбии муаллифро тасдиқ мекунанд.

Дар боби панҷум - **«Самтҳои такмили механизми танзими макропруденсиалии суботи молиявии низоми бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** тавсияҳои илмию амалӣ оид ба такмили механизми танзими макропруденсиалии суботи молиявии низоми бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти таҷрибаи байналмилалӣ пешниҳод гардидаанд. Сохтори таркибии ин боб аз роҳҳои такмили раванди фаъолияти ниҳодҳои танзимкунандаи макропруденсиалии суботи молиявии низоми бонкӣ, механизми татбиқи буфери сармоявӣ дар танзими сиёсати макропруденсиалии суботи молиявии низоми бонкӣ ва тарҳрезии модели рушди макропруденсиалии суботи молиявии низоми ташкилотҳои қарзии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2040 иборат мебошад (саҳ. 272-347).

Дар зербоби аввали ин боб, дар асоси таҷриба ва таҳлилҳои институтсионалӣ, аз ҷониби муаллиф пешниҳодҳо оид ба тақвияти сохтори институтҳои макропруденсиалии суботи молиявӣ дар низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон (саҳ. 284) оварда шудаанд. Яке аз пешниҳодҳои ҷолиби муаллиф ҷалби ассотсиатсияҳои соҳа, аз қабили Ассотсиатсияи бонкҳои Тоҷикистон, Ассотсиатсияи миллии ташкилотҳои суғуртавии Тоҷикистон ва дигарон мебошад. Ҳамчунин таъкид мешавад, ки фароҳам овардани шароити мусоид барои ҳамкории васеи ҳамаи иштирокчиён бояд яке аз ҳадафҳои асосӣ бошад. Танҳо бо ҳамоҳангсозии кӯшишҳо устувории иқтисодиро метавон ҳифз кард, ки ин амал ба рушди минбаъдаи соҳа ва коҳиши хавфҳо мусоидат хоҳад намуд.

Бояд қайд намуд, ки дар зербоби дуюми боби мазкур пешниҳодҳои муаллиф оид ба механизми татбиқи буферҳои сармоявӣ бо ҳадафи коҳиш додани фишорҳо ва таъсири омилҳои буҳронӣ дар низоми бонкӣ амалӣ карда шудаанд. Муаллиф зикр менамояд, ки тибқи меъёрҳои нав сармояи базавии сатҳи якум бояд 4,5%, сармояи сатҳи якум - 6% ва сармояи умумӣ - 8%-ро ташкил диҳад. Бо иловаи буфери захиравӣ ба андозаи 2,5% ин меъёр то 10,5% мерасад ва дар сурати татбиқи буфери контрсиклӣ метавонад нисбат ба дороиҳои бо назардошти хавф баркашидашуда то 13% афзоиш ёбад. Барои ташкилотҳои низомсоз бо назардошти буфери иловагӣ то 2% меъёри умумии сармоя метавонад то 15% нисбат ба дороиҳои бо назардошти хавф баркашидашуда баробар гардад (саҳ. 314-315).

Дар зербоби охирини боби панҷум, дар ҷараёни таҳияи пешбинии вазъи молиявии ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва таҳлили тамоюлҳои умумии макроиқтисодӣ, маълумоти инфиродии як қатор субъектҳои молиявии фаъол мавриди омӯзиши амиқ қарор дода шуд. Ба гурӯҳи интихобшуда ҳашт бонки тиҷоратӣ ва се ташкилоти хурди амонативу қарзӣ дохил мешаванд, ки ҳар кадом дорои нақши назаррас дар низоми бонкии кишвар мебошанд. Ҳамин тавр, дар асоси натиҷаҳои бадастомада, дурнамои нишондиҳандаҳои умумии вазъи молиявии ташкилотҳои қарзии молиявӣ барои давраи то соли 2040 ба таври муфассал таҳия ва пешниҳод карда шудааст.

Дар охири ҳар як боби диссертатсия хулосаҳо пешниҳод карда шудааст.

Дар хулоса ва пешниҳодҳо (саҳ. 348-366) натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ, инчунин тавсияҳое, ки дорои аҳамияти назариявӣ ва амалӣ мебошанд, пешниҳод гардидаанд.

**Дараҷаи саҳеҳии натиҷаҳои таҳқиқот** бо истифодаи усулҳои махсус дар рафти иҷрои диссертатсия, боэътимодии маълумот, ҳаҷми кифояи маводи таҳқиқшуда, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот, маърузаҳо дар конференсияҳои илмию амалӣ тасдиқ мешавад.

Дар амалия хулоса ва тавсияҳо барои татбиқи натиҷаҳои кори диссертатсионӣ ва дар асоси таҳлили илмӣ ҷанбаҳои назариявӣ ва таҷрибавӣ бароварда шудааст, ки аз эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот дарак медиҳад.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳо дар диссертатсия зикршуда.**

Дар умум, диссертатсия аз рӯйи сохтор, мазмун ва муаррифии мантиқӣ ба мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот пурра мувофиқат мекунад. Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот ба масъалаи таҳкими устувории молиявии низоми бонкӣ равона гардида, нақши танзими макропруденсиалиро дар ин раванд равшан месозанд. Дар ҷараёни омӯзиш механизми амалкунандаи танзими макропруденсиалӣ таҳлил шуда, самтҳои такмили минбаъдаи он пешниҳод мегарданд. Ҳамаи хулосаҳо ва андешаҳои овардашуда бар пояи маълумоти оморӣ ва ҳисоботи расмии сохторҳои давлатӣ асос ёфтааст. Таҳлилҳо бо рақамҳои воқеӣ тақвият дода шуда, робитаи мустақим бо мавзуи мавриди баррасӣ қарор доранд. Пешниҳодҳои таҳияшуда метавонанд дар амал барои нигоҳдорӣ ва таҳкими суботи молиявии низоми бонкӣ нақши муассир бозанд.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.**

Аҳамияти илмии таҳқиқот. Аҳамияти илмии натиҷаҳои таҳқиқот дар асоси донишҳои назариявӣ, методология ва амалияи такмили механизми танзими макропруденсиалии суботи молиявии низоми бонкӣ таҷассум меёбад. Пешниҳод ва тавсияҳои коркардшуда дар диссертатсия метавонанд ҳамчун воситаи устуворгардонии вазъи молиявии ташкилотҳои қарзии молиявӣ бо мақсади кам кардани ҳаҷми зарар дар ҳолатҳои буҳронӣ ва таҳримҳои иқтисрдии байналмилалӣ истифода шаванд. Пешниҳодҳои мушаххаси муаллифро пурра дар низоми бонкии кишвар истифода бурдан мумкин аст.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот.** Аҳамияти амалии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он ифода меёбад, ки онҳо метавонанд барои ошкор намудан ва рафъи мушкилоти танзими макропруденсиалии суботи молиявии низоми бонкӣ истифода шаванд. Инчунин, аз таҳлили диссертатсияи муаллиф бармеояд, ки баъзе аз муқаррароти амалӣ ва тавсияҳои таҳияшуда метавонанд аз ҷониби мақомоти марбута, ба монанди Бонки миллии Тоҷикистон, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ассотсиатсияи бонкҳои Тоҷикистон ва ташкилотҳои қарзии молиявӣ, аз ҷумла бонкҳои тиҷоратӣ, ташкилотҳои қарзии низомсоз ва эҳтимолӣ, инчунин, ташкилотҳои амонатии қарзии хурд ва дигар ниҳодҳо ҷиҳати амалӣ гардонидани сиёсати бонкӣ ва молиявӣ мавриди истифода қарор гиранд.

Дар баробари ҳамаи ин, натиҷаҳои ниҳоии бадастомада метавонанд дар раванди бозомӯзии ҳайати роҳбарикунанда ва кормандони соҳаи бонк ва молия, инчунин дар ҷараёни таълим, хусусан ҳангоми тадриси фанҳои марбута, аз ҷумла «Фаъолияти бонкӣ», «Идоракунии хавфҳои бонкӣ», «Танзим ва назорати бонкӣ», «Ташкили фаъолияти бонкҳои марказӣ», «Низоми бонкии ҷаҳонӣ», «Танзими молияи давлатӣ», «Фаъолияти ниҳодҳои молиявию қарзии байналхалқӣ», «Идоракунии қарзи давлатӣ», «Назорати молияи давлатӣ», «Бехатарии молиявӣ», «Бозори молиявӣ» ва ғайраҳо мавриди истифода қарор дода шаванд.

**Аҳамияти иқтисодии таҳқиқот** аз он иборат аст, ки натиҷаҳои диссертатсия метавонанд ба такмили механизми танзими макропруденсиалӣ ва устувории молиявии низоми бонкӣ таъсири мусбӣ расонида, ташкили назорати самаранок бар даромадҳо, хароҷот ва натиҷаҳои молиявӣ ва инчунин самаранокии қабули қарорҳои идоракунӣ дар бонкҳо ва дигар ташкилотҳои қарзии молиявии дигарро таъмин намоянд. Ин таҳқиқот барои таҳияи воситаҳо ва тавсияҳои амалӣ дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодӣ ва рақамисозии молиявӣ имконият фароҳам меорад, ки суботи молиявии низоми бонкӣ нигоҳ дошта шавад ва хавфҳои макропруденсиалӣ самаранок пешгирӣ гарданд.

**Аҳамияти иҷтимоии натиҷаҳои таҳқиқот** дар он ифода меёбад, ки такмили механизми танзими макропруденсиалӣ ва устувории молиявии низоми бонкӣ имкон медиҳад самаранокии фаъолияти бонкҳо ва ташкилотҳои қарзиро дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодӣ ва рақобат дар бозор баланд мебардорад. Ин механизмҳо, бо дарназардошти хусусиятҳои сохтории низоми бонкӣ, метавонанд сифати хизматрасонӣ ва амалиёти молиявиро беҳтар намуда, арзиши хидматҳо ва хавфҳои молиявиро коҳиш медиҳанд. Ҳамзамон, натиҷаҳои таҳқиқот барои ҳалли масъалаҳои шуғли самаранок дар бахши молия ва дастгирии рушди иқтисодии маҳаллӣ ва минтақавӣ, инчунин паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва устувор нигоҳ доштани суботи молиявӣ имкониятҳои воқеӣ фароҳам меоранд. Дар маҷмуъ, таҳқиқот воситаи амалии ҳамоҳангсозии назария, методология ва амалияи макропруденсиалӣ мебошад, ки ба рушди устувори низоми бонкӣ ва ҳифзи суботи молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат мекунад.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Муаллиф доир ба мавзуи таҳқиқот 53 асари илмӣ, аз ҷумла 51 мақолаи илмиро ба нашр расонидааст. Аз ин шумора 28 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионӣ назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудаанд, интишор ёфтааст. Ғайр аз ин, муаллиф 2 монографияро оид ба масъалаҳои тадқиқшуда чоп кардааст.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.**

Икромӣ Фазлиддин Нуриддин мутахассиси варзида дар соҳаи молия ва фаъолияти бонкӣ буда, имконияти мустақилона ҳал кардани масъалаҳои муҳим ва илмӣ дар ин самтро дорад. Кори диссертатсионӣ ба самти тахассусии ӯ мувофиқ мебошад. Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ, сохтор ва мазмуни кори анҷомёфта ба талаботҳои муқарраршудаи шиносномаи тахассусии 5.2.17 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пурра мувофиқат мекунад. Натиҷаҳои илмии бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ ба талаботҳои чунин корҳо ҷавобгӯ мебошанд. Ҳангоми тавсифи довталаб ба ҳайси тадқиқотчӣ бояд таъкид карда шавад, ки ӯ донишомӯзӣ, фидокорӣ, самаранокии баланд, масъулиятшиносӣ, қобилияти дар сатҳи баланд ташкил кардани кори илмӣ, қабули қарорҳои мустақил ва муайян кардани роҳҳои расидан ба ҳадаф ва вазифаҳое, ки ба миён гузошта шудаанд, дорад.

**Эродҳо ва баъзе тавсияҳо ба диссертатсия:**

1. Дар зербоби 1.1 муаллиф методологияи таҳқиқи танзими макропруденсиалии суботи молиявӣ дар низоми бонкиро мавриди омӯзиш қарор додааст. Агар маълумоти бештар дар бораи такмили механизми танзими макропруденсиалии суботи молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда мешуд, сифати кори диссертатсионӣ боз ҳам беҳтар мегардид.
2. Дар зербоби 2.1 таҳқиқи институтҳои танзими макропруденсиалии суботи молиявӣ дар низоми бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудааст. Вале, ба назари мо, беҳтар мешуд, агар муаллиф аввал ниҳодҳои ҷузъии макропруденсиалиро таҳлил ва баррасӣ мекард ва сипас онҳоро дар охир бо як расми муттаҳидшуда тасвир намуда, вобастагии якдигарии онҳоро низ қайд мекард.
3. Бархе усулҳои ҳисобкунии нишондиҳандаҳои макропруденсиалӣ (мисли NPL, сармоя, пардохпазирӣ) дар зербоби 3.1 ба таври пурра шарҳ дода нашудаанд.
4. Муаллиф дар зербоби 3.3 оид ба арзёбии натиҷаҳои таъсири бухронҳо ва таҳримҳои иқтисодӣ ба суботи молиявии низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳарф задааст, вале ҳаҷми хисороти расонидашуда дар низоми бонкӣ дар маҷмуъ оварда нашудааст. Сатҳи сифати таҳқиқот беҳтар мешуд, агар муҳақиқ онро бо ягон ҷадвали муфассал ё нишондиҳандаҳои маҷмуӣ пешниҳод мекард.
5. Зербоби 4.1 (саҳ. 251) сохтор ва намудҳои стресс-тестҳоро тавсиф мекунад, вале дар таҳқиқот муаллиф танҳо як усули онро истифода кардааст. Ба назари мо, истифодаи ду ё зиёда усул сифати таҳқиқотро боз ҳам беҳтар мегардонд.

6. Шумораи хулосаву пешниҳодҳои дар рисола овардашуда каме зиёд ба назар мерасад. Муносиб мебуд, агар муаллиф онҳоро бо миқдори вазифаҳо, навгониҳо ва нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшавандаи рисола баробар мекард.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия мувофиқи талаботи Комиссия.**

Диссертатсияи Икромӣ Фазлиддин Нуриддин ҳамчун кори илмии ба анҷом расида ба ҳисоб рафта, таркиб ва сохтори он бо тавсияву асосноккунӣ дар сатҳи баланди илмӣ-назариявӣ навишта шуда, ба талаботҳои гирифтани дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ, омода намудани диссертатсия ва ташхиси диссертатсия дар Шурои диссертатсионӣ ва дигар талаботҳои муқаррарнамудаи "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ" (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267) ҷавобгӯ мебошад.

Рисолаи илмии довталаби дараҷаи илмӣ ба меъёрҳои гирифтани дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ, омода намудани диссертатсия ва санҷиши кори диссертатсионӣ дар Шурои диссертатсионӣ ва дигар талаботи Низомномаи Шурои диссертатсионӣ, тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва тартиби бақайдгирии давлатии рисолаҳои дифоъшуда, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон № 267 аз 30 июни соли 2021 тасдиқ шудааст, мувофиқат менамояд.

Кори диссертатсионӣ бо забони фаҳмо ва бо истилоҳоти қабулшуда навишта шудааст, ороиши диссертатсия тағйиротро талаб намекунад. Автореферат ва мақолаҳои илмии ба нашр расонидаи довталаб таркиби асосии диссертатсияро дар бар гирифта, натиҷаҳои таҳқиқотро ҳамчун дастоварди нави илмӣ ҳисобидан мумкин аст. Ҷанбаҳои муҳими мундариҷаи кор дар автореферат инъикос ёфтаанд, ки предмети асосии дифоъ мебошанд. Бинобар ин, талабот дар ин бобат дар маҷмуъ қонеъ карда мешавад.

**Хулоса**

Таҳқиқоти диссертатсионии Икромӣ Фазлиддин Нуриддин дар мавзуи «Такмили механизми танзими макропруденсиалии суботи молиявии низоми бонкӣ: назария, методология, амалия», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод шудааст, кори илмии мукаммал ва ба анҷомрасида буда, дар он натиҷаҳои нави назариявӣ, методологӣ ва амалӣ аз ҷиҳати илмӣ асоснок ба даст оварда шудаанд.

Мубраммӣ, навгонӣ, асоснокии муқаррароти асосии илмӣ, хулоса ва пешниҳодҳо, инчунин аҳамияти он барои илми иқтисод ва амалияи танзими макропруденсиалии суботи молиявии низоми бонкӣ шаҳодат медиҳанд, ки таҳқиқоти диссертатсионӣ умуман ба талаботи бандҳои 32, 33, 34, 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад, ва муаллифи он Икромӣ Фазлиддин Нуриддин барои додани дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз сазовор мебошад.

Дар ҷаласа 15 нафар иштирок намуданд. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 15 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест.

Тақриз дар ҷаласаи ғайринавбатии васеи кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон муҳокима ва тасдиқ карда шудааст (протоколи №7 аз 13 феврали соли 2026).

**Раиси ҷаласа:**
мудири кафедраи молия ва
қарзи Донишгоҳи славянии
Россия ва Тоҷикистон, н.и.и., дотсент Шарифов Т.А.

**Эксперт:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори
кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳи
славянии Россия ва Тоҷикистон Ашуров И.С.

**Котиби ҷаласа:**
н.и.и., дотсент Сангинов С.А.

Имзои Шарифов Т.А., Ашуров И.С. ва Сангинов С.А.-ро тасдиқ мекунам:

**Сардори идораи кадрҳои Донишгоҳи**
**славянии Россия ва Тоҷикистон** **Исмаилова М.Н.**

14.02.2026 г.

**Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Мирзо Турсунзода, 30, Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон, Тел./Fax:(+992) 37 221-35-50, (+992) 37 221-35-50, **E-mail:** p.rektora@mail.ru